**Бо қарори Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 3.1 аз 31 январи соли 2013, тасдиқ карда шудааст.**

# Дастурамал
# оид ба тартиби гузаронидани санҷишҳои аудитории Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дастурамал оид ба тартиби гузаронидани санҷишҳои аудитории Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Дастурамал) дар асоси моддаи 21 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Дастури Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, тартиб ва қоидаҳои умумии ташкил ва гузаронидани (марҳилаҳои) санҷишҳои аудитории Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистонро муқаррар менамояд. Тартиби гузаронидани санҷишҳои аудиторӣ дар доираи самтҳои фаъолияти Палатаи ҳисоб, ки онҳоро сараудиторони Палатаи ҳисоб роҳбарӣ менамоянд, метавонад дар дастурҳои методологии дахлдор, ки ба Дастурамали мазкур мухолиф нест, муқаррар карда шавад.

## 1. Мазмуни санҷиши аудиторӣ

1.1. Санҷиши аудиторӣ – ин як шакли ташкил ва амалӣ намудани фаъолияти назоратию санҷишӣ мебошад, ки тавассути он вазифа ва ваколатҳои Палатаи ҳисоб дар бахши назорати давлатии молиявӣ татбиқ ва таъмин мегардад.

Санҷиши аудиторӣ чорабиние мебошад, ки:

- дар асоси нақшаи кории солонаи Палатаи ҳисоб ба анҷом расонида мешавад;
- бо фармоиши дахлдор ба расмият даровarда мешавад;
- мувофиқи барнома, ки бо тартиби муқарраршуда тасдиқ шудааст, гузаронида мешавад;
- аз рӯи натиҷаҳои санҷиш ҳисобот омода карда мешавад, ки он барои баррасӣ ба Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб пешниҳод карда мешавад.

1.2. Мавзӯи санҷиши аудитории Палатаи ҳисоб намудҳои фаъолияти зеринро дар бар мегирад:

- тамоми мақомоте, ки аз буҷети давлатӣ маблағгузорӣ карда мешаванд, аз ҷумла сохторҳое, ки қисман ё пурра дар ҳисоби хоҷагӣ қарор доранд;

- тамоми ташкилотҳое, ки дар онҳо ҳиссаи сармояи давлат ба таври назоратӣ маҳсуб меёбад;

- Бонки миллии Тоҷикистон ва дигар бонкҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- фондҳои ғайрибуҷетӣ ва барномаҳои мақсадноки умумидавлатӣ;

- Агентии давлатии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа;

- ташкилотҳо бо шаклҳои гуногуни моликият, ки ба онҳо маблағҳои буҷетӣ дар намуди кӯмаки молиявӣ (дар асоси бебозгашт) ҷудо мегарданд;

- амалӣ намудани созишномаҳои байниҳукуматӣ, ки оқибатҳои молиявӣ ва оқибатҳои дигари хоҷагӣ доранд;

- хусусигардонии моликияти давлатӣ, аз ҷумла иҷрои шартномаҳои хусусигардонии бо давлат басташуда аз ҷониби соҳибони нав;

- идоракунӣ ва истифодабарии захираҳои табиии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла татбиқи созишномаҳо оид ба тақсимоти маҳсулот;

- истифодабарии кӯмакҳо ва хизматрасонии маблағҳои қарз ва захираҳои давлатӣ бо асъори хориҷӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- воридоти маблағҳо ба буҷети давлатӣ аз сарчашмаҳои хориҷии сармоягузорӣ ва мувофиқи мақсад сарф кардани онҳо.

Инчунин, мавзӯи санҷиши аудиторӣ, фаъолияти объектҳои санҷиши аудиторӣ оид ба ташаккул ва истифодаи маблағҳои давлатӣ мебошад.

Ҳангоми гузаронидани санҷиши аудиторӣ, ҳуҷҷатҳо ва маводҳои дигаре, ки маълумотро оид ба мавзӯи санҷиши аудиторӣ дар бар мегирад, таҳти санҷиш қарор дода мешавад.

1.3. Таҳти мафҳуми объектҳои санҷиши аудиторӣ объектҳое дониста мешаванд, ки нисбати онҳо аз ҷониби Палатаи ҳисоб амалҳои назоратии муайян гузаронида мешаванд.

Мақомоти давлатӣ ва ташкилоту муассисаҳое, ки нисбати онҳо Палатаи ҳисоб тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколатҳои назоратӣ дорад, объектҳои назорати Палатаи ҳисоб мебошанд.

1.4. Санҷиши аудитории Палатаи ҳисоб вобаста ба мақсади гузошташуда ва хусусияти масъалаҳое, ки бояд ҳал карда шаванд, ба намудҳои зерини назорати молиявӣ гурӯҳбандӣ мешаванд: аудити молиявӣ, аудити самаранокӣ ва аудити натиҷанокӣ.

Аудити молиявӣ – омӯзиш ва таҳлили ҳисоботи молиявӣ ва низоми баҳисобгирии объекти аудит, ки ба аудитор имкон медиҳад ақидаи худро оид ба ҳисоботи молиявӣ, ки бо риояи талаботи қонунгузорӣ дар бораи стандартҳои баҳисобгирӣ ва ҳисоботи молиявӣ таҳия карда шудааст, изҳор намояд.

Аудити самаранокӣ – омӯзиш ва таҳлили фаъолияти объекти аудит доир ба сарфанокӣ, маҳсулнокӣ ва натиҷанокӣ.

Аудити натиҷанокӣ – омӯзиш ва таҳлили самаранокии барномаҳои давлатӣ, лоиҳаҳо, самтҳои фаъолият ва кори мақомоти давлатӣ ва

ташкилотҳои буҷетӣ барои расидан ба мақсадҳояшон ва иҷрои супоришҳо.

Агар дар санҷиши аудиторӣ мақсадҳое ба назар гирифта шуда бошанд, ки ба намудҳои гуногуни назорати молиявӣ дахл доранд, чунин чорабинӣ ҳамчун санҷиши аудиторӣи омехта тасниф мешавад.

1.5. Ҳангоми гузаронидани санҷиши аудиторӣ, усулҳои гуногуни назорати молиявӣ истифода бурда мешаванд, ки санҷиш, тафтиш, таҳлил, ташхис ва усулҳои дигарро, ки пайвастани мушаххаси онҳо ба намуди назорати молиявӣ ва мақсади санҷишҳои аудиторӣ вобастагӣ дорад, дар бар мегиранд.

## 2. Ташкили санҷиши аудиторӣ

2.1. Ташкили санҷиши аудиторӣ марҳилаҳои зеринро, ки ҳар яке аз онҳо иҷроиши амали муайянро дар назар дорад, дар бар мегирад:

- омодашавӣ ба санҷиши аудиторӣ;
- гузаронидани санҷиши аудиторӣ;
- ба расмият даровардани натиҷаҳои санҷиши аудиторӣ.

2.2. Дар марҳилаи омодашавӣ ба санҷиши аудиторӣ, омӯзиши пешакии мавзӯъ ва объектҳо гузаронида мешавад, ки аз рӯи натиҷаи он мақсад ва тартиби гузаронидани санҷиши аудиторӣ, ҳамчунин меъёрҳои баҳогузории самаранокӣ ҳангоми гузаронидани аудити самаранокӣ, муайян карда мешаванд. Натиҷаи марҳилаи мазкур, омода намудан ва тасдиқи барнома ва нақшаи кории гузаронидани санҷиши аудиторӣ мебошад.

Марҳилаи омодашавӣ ба санҷиши аудиторӣ мутобиқи фармоиши сараудитори Палатаи ҳисоб, ки барои гузаронидани он масъул аст, амалӣ мегардад.

Марҳилаи гузаронидани санҷиши аудиторӣ, ин аз санҷиш ва таҳлили маълумот ва иттилооти тибқи дархости Палатаи ҳисоб ва (ё) бевосита дар объектҳои чорабинии назоратӣ ба даст овардашуда, ки барои ҷамъоварии далелҳо ва асосноккунии камбудию норасоиҳои ошкоршуда заруранд, иборат мебошад. Натиҷаи гузаронидани марҳилаи мазкур, санадҳои тартибдодашуда ва ҳуҷҷатҳои корӣ мебошанд.

Санҷиши аудиторӣ дар асоси барномаи тасдиқшудаи санҷиши аудиторӣ ва фармоиши Раиси Палатаи ҳисоб дар бораи гузаронидани чорабинии назоратӣ, ки тибқи Дастури Палатаи ҳисоб ба расмият дароварда мешавад, амалӣ мегардад.

Дар марҳилаи барасмиятдарории натиҷаи санҷиши аудиторӣ, ҳисобот оид ба натиҷаҳои санҷиши аудиторӣи гузаронидашуда тартиб дода мешавад, ки дар он бояд хулосаҳо ва пешниҳодҳои (тавсияҳо) дар асоси таҳлил ва ҷамъбасти маводи санҷиши аудиторӣ омодашуда, дарҷ гарданд. Инчунин, дар ҳолатҳои зарурӣ пешниҳодот, мактуби ахборотӣ ва мактуби Палатаи ҳисоб оид ба ирсол намудани маводҳои санҷишӣ ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, омода карда мешавад.

Ба расмиятдарории натиҷаҳои санҷиши аудиторӣ дар мӯҳлати тибқи барномаи чорабинии назоратӣ муқарраршуда, амалӣ карда мешавад.

2.3. Санҷиши аудиторӣ дар асоси нақшаи кории солонаи Палатаи ҳисоб, ки дар он мӯҳлати гузаронидани санҷиши аудиторӣ бо назардошти марҳилаҳои омодашавӣ ба санҷиши аудиторӣ, гузаронидани санҷиши аудиторӣ ва ба расмият даровардани натиҷаҳои санҷиши аудиторӣ муқаррар мегардад, гузаронида мешавад.

Давомнокии ҳар як марҳилаи зикршуда ба намуди назорати молиявӣ, хусусияти мавзӯъ ва объектҳои санҷиши аудиторӣ вобаста мебошад.

Санаи ба охир расидани санҷиши аудиторӣ, ин санаи аз ҷониби Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб қабул шудани қарор оид ба тасдиқи ҳисобот дар бораи натиҷаҳои санҷиши гузаронидашуда мебошад.

2.4. Ҳуҷҷатҳои барои гузаронидани санҷишҳои аудиторӣ зарур, бо тартиби муқарраргардида ва дар шакли намунаи ҳуҷҷатҳое, ки таҳия ва тасдиқ гардидаанд, омода карда мешавад.

2.5. Роҳбарии бевоситаи гузаронидани санҷиши аудиторӣ ва ҳамоҳангсозии амали мутахассисон дар объектҳо, аз ҷониби роҳбари санҷиши аудиторӣ ба амал оварда мешавад.

Роҳбари санҷиши аудиторӣ, метавонад сардори раёсат ё муовини ӯ, сардори шӯъба ё муовини ӯ, сардори бахш, сармутахассис ва ё мутахассиси пешбар таъин карда шавад. Шумораи гурӯҳи мутахассисон, ки санҷиши аудториро дар объект анҷом медиҳанд, бояд на камтар аз ду нафарро ташкил кунад. Агар санҷиши аудиторӣ дар як вақт дар якчанд объектҳо гузаронида шавад, роҳбари гурӯҳи мутахассисон барои ҳар як объект таъин мешавад.

2.6. Гурӯҳи мутахассисон барои гузаронидани санҷиши аудиторӣ бояд тарзе интихоб карда шавад, ки имкони пайдоиши бархӯрди манфиатҳо роҳ дода нашавад ва ҳолатҳое, ки манфиатдории шахсии мутахассис метавонад дар раванди санҷиши аудиторӣ ба иҷрои ӯҳдадориҳои мансабиаш таъсир расонад, бояд бартараф карда шавад.

Кормандони Палатаи ҳисоб, ки бо роҳбарияти объекти санҷидашаванда хешовандӣ доранд, ҳуқуқи иштирокро дар санҷиши аудиторӣ надоранд. Онҳо ӯҳдадоранд, ки дар бораи вуҷуд доштани чунин робитаҳо хабар диҳанд. Барои иштирок дар санҷиши аудиторӣ ҷалб намудани он корманди Палатаи ҳисоб, ки дар давраи санҷиш корманди воҳидии объекти санҷиши аудиторӣ буд, манъ аст.

Дар ҳолате, ки дар объекти санҷидашаванда санҷиши маълумоти дорои сирри давлатӣ дошта ба нақша гирифта шуда бошад, дар санҷиши аудитории мазкур бояд мутахассисе иштирок намояд, ки барои дастрасӣ ба сирри давлатӣ иҷозати махсус дошта бошад.

2.7. Мутахассис вазифадор аст, ки то аз ҷониби Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб қабул шудани қарор оид ба тасдиқи ҳисобот дар бораи натиҷаҳои санҷиши аудиторӣ ва аз қайдҳои маҳдудкунанда баровардани ҳисобот, агар аз ҷониби Ҳайати мушовара тартиби дигар пешбинӣ

нашуда бошад, махфияти маълумоти дорои сирри давлатӣ ва сирри дигари тибқи қонун ҳифзшавандаи аз объекти санҷиш дастрасшударо риоя намояд.

2.8. Муносибатҳои кории мутахассисон бо шахсони мансабдори объекти санҷидашаванда танҳо дар доираи ҳуқуқу ӯҳдадориҳои мансабии мутахассисон, ки тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дастурамали мансабӣ муқаррар гардидааст, ба амал оварда мешавад.

Дар сурати дар рафти санҷиши аудиторӣ ба вуҷуд омадани ҳолатҳои низоӣ, мутахассис бояд ба тариқи шифоҳӣ ва ё хаттӣ оиди ҳолати бавуҷудомада роҳбари санҷиши аудиториро огоҳ созад. Дар ҳолате, ки низоъ бо дахолати роҳбари санҷиши аудиторӣ ҳали худро наёбад, мутахассис ҳуқуқ дорад ҷиҳати ҳалли ин масъала ба сараудитори Палатаи ҳисоб муроҷиат намояд.

2.9. Дар мавриди ба миён омадани зарурият, Палатаи ҳисоб метавонад дар рафти гузаронидани санҷиши аудиторӣ экспертҳои мустақили беруна ва мутахассисони мақомоти давлатиро ҷалб намояд.

Экспертҳои мустақили беруна ва мутахассисони мақомоти давлатӣ, бо тартиби тибқи Дастури Палатаи ҳисоб муқарраргардида ба чорабинии назоратӣ бо тариқи зайл ҷалб карда мешаванд:

- дар асоси шартнома барои иҷрои кори намуд ва ҳаҷмаш муайян;
- дар ҳайати гурӯҳи мутахассисон, барои иҷрои супоришҳои алоҳида ва омода намудани хулосаи ташхисию таҳлилӣ;
- барои гузаронидани аудити самаранокӣ – тавассути таъсиси шӯрои экспертии махсус аз ҳисоби экспертҳои мустақили берунаи соҳаи дахлдор ва кормандони Палатаи ҳисоб, тибқи тартиби тасдиқгардидаи ҷалб намудани экспертҳои мустақили беруна дар чорабиниҳои назоратии Палатаи ҳисоб.

2.10. Дар рафти гузаронидани санҷиши аудиторӣ ҳуҷҷатҳои корӣ ташаккул меёбанд ва ба онҳо ҳуҷҷатҳо ва маводҳо, ки барои натиҷаҳои ҳар як марҳилаи санҷиши аудиторӣ асос шудаанд, дохил мегарданд.

Ба ҳуҷҷатҳои корӣ, ҳуҷҷатҳо (нусхаҳои онҳо) ва дигар маводҳо, ки аз шахсони мансабдори объекти санҷиши аудиторӣ ва шахсони сеюм гирифта шудаанд, инчунин ҳуҷҷатҳое (маълумотномаҳо, феҳристи таҳлилӣ ва ғайра), ки онҳоро мутахассисон мустақилона дар асоси маълумоти воқеӣ ва иттилоот таҳия намудаанд, дохил мебошанд.

Дар маводи санҷиши аудиторӣ, ҳуҷҷатҳои корӣ бояд бо низоми муайян, ки тартиби пай дар пай иҷро шудани марҳилаҳо ва корҳои алоҳидаи назоратии санҷиши аудиториро инъикос менамоянд, бандубаст карда шаванд.

## 3. Омодашавӣ ба санҷиши аудиторӣ

3.1. Фармоиши Раис, муовини Раис ё сараудитори Палатаи ҳисоб дар бораи гузаронидани омодашавӣ ба санҷиши аудиторӣ

3.1.1. Барои омодашавӣ ба санҷиши аудиторӣ Раис, муовини раис ё сараудитори Палатаи ҳисоб, ки барои гузаронидани он масъул мебошад, мувофиқи Дастури Палатаи ҳисоб фармоиши дахлдорро ба имзо мерасонад ва дар он маълумоти зерин бояд дарҷ карда шавад:

- мӯҳлати омодашавӣ ба санҷиши аудиторӣ;
- иҷрокунандагони масъул;
- мӯҳлати таҳияи барнома ва нақшаи кории санҷиши аудиторӣ ва барои тасдиқ пешниҳоди намудани онҳо.

3.1.2. Дар ҳолати гузаронидани санҷиши аудиторие, ки масъалаҳои ба салоҳияти ду ва зиёда сараудиторони Палатаи ҳисоб дахлдоштаро дар бар мегирад, дар фармоиш барои гузаронидани санҷиши аудиторӣ, маълумотҳои зерин дарҷ карда мешаванд:

- мӯҳлати омодашавӣ барои гузаронидани санҷиши аудиторӣ, ки ташкил ва ҷамъбасти натиҷаҳои он, дар мувофиқа ба зиммаи яке аз сараудиторони Палатаи ҳисоб вогузор гардидааст;
- иҷрокунандагони масъул оид ба масъалаҳои санҷиши аудиторӣ, ки ба салоҳияти сараудитори Палатаи ҳисоб дохил мебошанд;
- мӯҳлати омодасозии таклифҳо ба барномаи ягона ва нақшаи кории ягонаи санҷиши аудитории мазкур ва пешниҳоди онҳо ба сараудитори Палатаи ҳисоб, ки барои ташкил ва ҷамъбасти натиҷаҳои санҷиши аудиторӣ масъул мебошад.

3.1.3. Фармоиши сараудитори Палатаи ҳисоб дар бораи марҳилаи омодашавӣ ба санҷиши аудиторӣ, ҳангоми гузаронидани санҷиши аудиторӣ, ки онро Раис ва ё муовини Раиси Палатаи ҳисоб роҳбарӣ мекунад, таҳия карда намешавад. Дар ин ҳолат, омодашавӣ ба санҷиши аудиторӣ мувофиқи муқаррароти Дастури Палатаи ҳисоб амалӣ мешавад.

3.2. Омӯзиши пешакии мавзӯъ ва объектҳои санҷиши аудиторӣ

3.2.1. Омӯзиши пешакӣ, ба тариқи ҷамъоварии маълумот оид ба мавзӯъ ва объекти санҷиши аудиторӣ дар он ҳаҷме, ки барои омодасозии барномаи гузаронидани санҷиши аудиторӣ кифоя мебошад, амалӣ карда мешавад.

Дар асоси таҳлили маълумоти ҷамъовардашуда вобаста ба намуди назорати молиявӣ ва мақсадҳои санҷиши аудиторӣ, масъалаҳои зерин муайян карда мешаванд:

- сатҳи муҳимияти маълумот;
- соҳаҳои барои санҷиш нисбатан муҳим;
- мавҷудият ва андозаи хавфи зарари молиявӣ;
- мавҷудият ва ҳолати назорати дохилӣ дар объекти санҷидашаванда.

Баҳодиҳӣ ба сатҳи муҳимии маълумот, ин аз муқаррар намудани он нишондиҳандаҳои аввалия иборат мебошад, ки аз онҳо оғоз гардида камбудиҳои дар маълумоти ҳисоботии объекти санҷиш ошкоршуда, метавонад дар ҳисоботҳои молиявии он таъсири амиқ расонад.

Муайян намудани соҳаҳои барои санҷиш нисбатан муҳим, бо истифода аз расмиёти таҳлилии махсус ба амал оварда мешавад, ки он аз

муайянкунӣ, таҳлил ва арзёбии таносуби нишондиҳандаҳои молиявию иқтисодии объекти санҷидашаванда иборат мебошад.

Баҳодиҳии андозаи хавфи зарари молиявӣ, ин аз муайян намудани мавҷудияти омилҳое, ки ба ташаккул ва истифодабарии маблағи давлатӣ дар соҳаи санҷидашаванда ё ба фаъолияти молиявию хоҷагидории объекти санҷиш таъсири манфӣ мерасонад, иборат мебошад.

Муайян кардани ҳолати назорати дохилии объекти санҷидашаванда аз гузаронидани баҳодиҳии пешакии дараҷаи самаранокии ташкили он иборат буда, аз рӯи ҷамъбасти баҳодиҳӣ андозаи боварибахш будани натиҷаҳои фаъолияти назорати дохилӣ ва имконияти истифода бурдани онҳо ҳангоми банақшагирии ҳаҷм ва гузаронидани амалиётҳои назоратӣ дар ин объект, муқаррар мегардад.

Аз рӯи натиҷаҳои таҳлил ва баҳодиҳии маҷмӯи омилҳои дарҷгардида, ки ташаккул ва истифодабарии маблағҳои давлатиро дар фаъолияти объекти санҷиши аудиторӣ баён мекунанд, мақсад ва масъалаҳои санҷиши аудиторӣ тасвият ёфта, тарзи гузаронидани он муайян мегардад, ҳамчунин ҳаҷми зарурии корҳои назоратӣ ба нақша гирифта мешавад.

Тартиби муайян намудани дараҷаи қобили қабул будани соҳаҳои аз ҳама бештар барои санҷиш муҳим, баҳодиҳии хавфи зарари молиявӣ ва ҳолати назорати дохилии объекти санҷиши аудиторӣ, тибқи стандартҳои дахлдори назорати молиявӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои методии Палатаи ҳисоб муайян карда мешавад.

3.2.2. Гирифтани маълумот дар ҳолатҳои зарурӣ, бо роҳи фиристодани дархости Палатаи ҳисоб ба роҳбарияти объектҳои санҷидашаванда, мақомоти давлатӣ ва ташкилоту муассисаҳо амалӣ карда мешавад. Дархост оид ба пешниҳоди маълумот тибқи тартиби дар Палатаи ҳисоб муқarrаргардида омода карда шуда, ирсол карда мешавад.

3.2.3. Агар дар рафти омӯзиши пешакии объектҳои санҷиши аудиторӣ, омилҳои номатлубии гузаронидани санҷиши фаъолияти ин объектҳо ошкор гардад ва сабаби ба миён омадани зарурияти тағйир додани мӯҳлати гузаронидани санҷиши аудиторӣ шавад ё барои гузаронидани он монеа гардад, пешниҳодҳои асосноки дахлдор омода карда шуда, тибқи тартиби муқаррааргардида аз ҷониби сараудитор барои баррасии Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб пешниҳод карда мешавад.

3.3. Мақсад ва масъалаҳои санҷиши аудиторӣ, меъёрҳои арзёбии самаранокӣ, усули ҷамъоварии маълумотҳои воқеӣ ва ахборотҳо

3.3.1. Дар раванди омӯзиши пешакӣ муайян намудани мақсади санҷиши аудиторӣ зарур мебошад. Ҳамзамон бояд ба назар гирифт, ки гузаронидани санҷиши аудитории мазкур то кадом андоза ба масъалаҳои асосии ташаккул ва истифодабарии воситаҳои давлатӣ ва ё фаъолияти объектҳои санҷиши аудиторӣ, ҷавобгӯй мебошад.

3.3.2. Ҳангоми гузаронидани аудити самаранокии истифодабарии воситаҳои давлатӣ, барои ҳар як мақсади санҷиши аудиторӣ меъёрҳои арзёбии самаранокӣ муайян карда мешавад.

3.3.3. Оид ба ҳар як мақсади санҷиши аудиторӣ номгӯи масъалаҳо муайян карда мешавад, ки дар рафти гузаронидани марҳилаи асосии санҷиши аудиторӣ омӯхтан ва таҳлил намудани онҳо зарур мебошад. Ифодаи мазмуни масъалаҳои мазкур бояд амалҳоеро инъикос намояд, ки барои ноил гаштан ба мақсади гузошташуда мувофиқ бошад. Миқдори саволҳо барои ҳар як мақсад бояд на он қадар зиёд бошад, вале барои амалӣ намудани мақсад, моҳиятнок ва муҳим бошанд.

3.3.4. Барои гузаронидани чорабинии назоратӣ интихоби усулҳои ҷамъоварии маълумотҳои аслӣ ва ахборотҳо зарур мебошад ва онҳо барои ташаккули далелҳо мувофиқ ба мақсадҳои гузошташуда ва масъалаҳои чорабинии назоратӣ истифода карда мешаванд.

3.4. Барнома ва нақшаи кории гузаронидани санҷиши аудиторӣ

3.4.1. Аз рӯи натиҷаҳои омӯзиши пешакии мавзӯъ ва объекти санҷиши аудиторӣ, барномаи гузаронидани санҷиши аудиторӣ омода карда мешавад, ки дар он бояд асос барои гузаронидани санҷиш, мавзӯъ ва номгӯи объектҳо, мақсад ва саволҳои санҷиши аудиторӣ, меъёрҳои арзёбии самаранокӣ барои ҳар як мақсад, санаи оғоз ва анҷоми санҷиши аудиторӣ, иҷрокунандагони масъул ва санаи пешниҳоди ҳисобот ба барассии Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб, дарҷ гардад.

Омода ва тасдиқ намудани барномаи гузаронидани санҷиши аудиторӣ бо тартиби дар Дастури Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраршуда амалӣ карда мешавад.

Намунаи тартиб додани барномаи гузаронидани санҷиши аудиторӣ, ҳамчун замима ба Дастурамали мазкур оварда мешавад.

3.4.2. Дар ҳолати гузаронидани санҷиши аудиторие, ки масъалаҳои ба салоҳияти ду ва ё зиёда сараудиторони Палатаи ҳисоб дахлдоштаро дар бар мегирад, ё онро Раис ва ё муовини Раиси Палатаи ҳисоб роҳбарӣ мекунад, тибқи Дастури Палатаи ҳисоб барномаи ягонаи гузаронидани санҷиши аудиторӣ омода карда мешавад, ки дар он илова ба мазмуни барнома маълумотҳои зерин нишон дода мешавад:

- сараудиторони Палатаи ҳисоб, ки барои гузаронидани санҷиши аудиторӣ масъул мебошанд ва сараудитори Палатаи ҳисоб, ки ба ӯ ташкил ва ҷамъбасти натиҷаҳои санҷиши аудиторӣ вогузор гардидааст;
- мӯҳлати кори гурӯҳҳои мутахассисон дар объектҳо;
- мӯҳлати пешниҳоди мавод оид ба натиҷаҳои санҷиш аз ҷониби сараудиторони Палатаи ҳисоб ба Раиси Палатаи ҳисоб ва ё муовини Раиси Палатаи ҳисоб ва сараудиторе, ки ба ӯ ташкил ва ҷамъбасти натиҷаҳои санҷиши аудиторӣ вогузор карда шудааст;
- мӯҳлати ҷамъбасти натиҷаҳои санҷиши аудиторӣ аз ҷониби Раиси Палатаи ҳисоб ё муовини Раиси Палатаи ҳисоб ва сараудиторе, ки ба ӯ ташкил ва ҷамъбасти натиҷаҳои санҷиши аудиторӣ вогузор шудааст;
- мӯҳлати ба баррасии Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб пешниҳод намудани ҳисоботи ҷамъбастӣ.

3.4.3. Баъд аз тасдиқи барномаи гузаронидани санҷиши аудиторӣ, нақшаи кории гузаронидани санҷиши аудиторӣ омода карда мешавад.

Дар нақшаи корӣ, тақсимоти супоришҳои мушаххас оид ба иҷрои барномаи гузаронидани санҷиши аудиторӣ дар байни мутахассисон - аъзоёни гурӯҳи корӣ бо нишон додани моҳияти масъала ва мӯҳлати иҷрои он дарҷ карда мешавад. Роҳбари санҷиши аудиторӣ ҳамаи иштирокчиёни санҷишро ба нақшаи корӣ шинос намуда, имзояҳошонро мегирад.

Нақшаи корӣ бояд маълумоте, ки дорои сирри давлатӣ мебошад, надошта бошад.

3.4.4. Бо қарори аъзои Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб, ки барои гузаронидани санҷиши аудиторӣ масъул мебошад, то оғози марҳилаи асосии санҷиши аудиторӣ ба роҳбарони объектҳои санҷидашаванда огоҳинома оид ба гузаронидани санҷиши аудиторӣ фиристода мешавад. Дар огоҳинома номгӯи санҷиши аудиторӣ, асос барои гузаронидани он, мӯҳлати гузаронидани санҷиши аудиторӣ дар объектҳо ва ҳайати гурӯҳи мутахассисон нишон дода шуда, инчунин дархост оиди фароҳам овардани шароити мусоид барои гузаронидани санҷиши аудиторӣ пешниҳод карда мешавад.

Ба огоҳинома нусхаи ҳуҷҷатҳои зерин метавонад замима шаванд:

- нусхаи барномаи тасдиқшудаи гузаронидани санҷиши аудиторӣ (ё иқтибос аз барнома);
- номгӯи ҳуҷҷатҳое, ки шахсони масъули объекти санҷидашаванда бояд барои пешниҳод ба мутахассисони Палатаи ҳисоб омода созанд;
- номгӯи саволҳое, ки ба онҳо бояд шахсони мансабдори объекти санҷидашаванда то оғози санҷиши аудиторӣ дар объект, ҷавоб диҳанд;
- шаклҳои махсуси барои санҷиши аудиторӣ таҳияшудае, ки барои мураттабсозии ахбороти пешниҳодшаванда заруранд.

Огоҳинома оид ба гузаронидани санҷиши аудиторӣ бо имзои Раис ва ё муовини Раиси Палатаи ҳисоб ирсол карда мешавад.

## 4. Гузаронидани санҷиши аудиторӣ

Гузаронидани санҷиши аудиторӣ ин аз амалигардонии санҷиш дар объектҳо, ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумотҳои воқеӣ барои ташаккули далелҳои ба мақсадҳои санҷиши аудиторӣ мувофиқ, иборат мебошад.

4.1. Санҷиши риояи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ

4.1.1. Ҳангоми гузаронидани санҷиши аудиторӣ мутобиқати амалиётҳои анҷомдодаи молиявию хоҷагидории объекти санҷидашаванда ба қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки номгӯи онҳо дар рафти омӯзиши пешакӣ омода мегардад, санҷида мешаванд. Дар давраи санҷиш номгӯи мазкур метавонад тағйир дода шавад.

4.1.2. Дар мавриди ошкор гардидани ҳолатҳои риоя нашудани талаботи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бояд:

- ба роҳбарияти объекти санҷидашаванда дар бораи камбудию норасоиҳои ошкоргардида ва зарурияти андешидани чораҳо ҷиҳати бартараф намудани онҳо, хабар дода шавад;

- дар санад оид ба натиҷаҳои санҷиши аудиторӣ камбудию норасоиҳои ошкоргардида, зарари молиявӣ, инчунин чораҳои андешидаи роҳбарияти объекти санҷидашаванда оиди бартараф намудани камбудию норасоиҳо, дарҷ карда шавад.

4.1.3. Дар мавриди ошкор гардидани ҳолатҳои риоя нашудани талаботи қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки дорои нишонаҳои таркиби ҷиноят мебошанд, мутахассиси Палатаи ҳисоб дараҷаи таъсири онро ба натиҷаҳои ташаккул ва истифодабарии воситаҳои буҷетӣ ва фаъолияти молиявию хоҷагии объекти санҷидашаванда муайян намуда, мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Дастури Палатаи ҳисоб чораҳои заруриӣ меандешад, аз ҷумла:

- фавран санад оиди ҳолати воқеии камбудиҳои ошкоргардида, ки бартарафкунии онҳо қабули чораҳои фаврӣ ва пешгирии таъхирнопазири амалҳои ғайриқонуниро талаб мекунад, тартиб медиҳад;

- роҳбари санҷиши аудиторӣ, сардори раёсат ва ё сараудитори Палатаи ҳисобро хабардор мекунад;

- аз шахсони мансабдори объекти санҷидашаванда баёноти хаттӣ талаб мекунад;

- дар ҳолатҳои зарурӣ мактубро оид ба ирсол намудани маводҳои санҷишӣ ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ омода месозад.

Мактуби Палатаи ҳисоб оид ба ирсол намудани маводҳои санҷишӣ ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар рафти чорабинии назоратӣ, бо тартиби муқаррарнамудаи созишномаҳои баимзорасида оид ба ҳамкориҳои тарафайн, фиристода мешавад.

4.1.4. Ҳангоми дар рафти санҷиши аудиторӣ ошкор гардидани ҳолатҳои риоя нашудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки санҷиши иловагиро талаб мекунад ё аз доираи барномаи тасдиқгардида берун мондаанд, роҳбари санҷиши аудиторӣ дар мувофиқа бо сараудитори Палатаи ҳисоб ба барномаи санҷиш тибқи тартиби муқарраргардида тағйирот ворид намуда, гузаронидани санҷиши онро ташкил менамояд.

Дар ҳолати мавҷуд набудани имконият барои иҷрои кори иловагӣ дар доираи санҷиши аудитории мазкур, дар ҳисобот оид ба натиҷаи санҷиш камбудию норасоиҳои ошкоргардида бо нишон додани сабабҳои зарурияти гузаронидани санҷиши минбаъдаи муфассали берун аз доираи барномаи тасдиқшуда, бояд инъикос ёбад.

4.1.5. Ҳангоми ошкор намудани камбудию норасоиҳо, бояд сабабҳои он, шахсони масъули мансабдор ва иҷрокунандагон, намуд ва андозаи зарари ба давлат расонидашуда муайян карда шавад.

4.2. Ҷамъ овардани далелҳо

4.2.1. Далелҳо ин маълумотҳои воқеӣ ва ахборотҳои боэътимоде мебошанд, ки мавҷудияти камбудию норасоиҳои ошкоршударо дар

ташаккул ва истифодаи маблағҳои давлатӣ ва фаъолияти объектҳои санҷидашаванда тасдиқ мекунанд, ҳамчунин хулосаву пешниҳодҳоро доир ба натиҷаи санҷишҳои аудиторӣ асоснок мегардонанд.

4.2.2. Раванди ҷамъ овардани далелҳо марҳилаҳои зеринро дар бар мегирад:

- ҷамъ овардани маълумотҳои воқеӣ ва ахборотҳо мувофиқ ба барномаи гузаронидани санҷиши аудиторӣ, муайян намудани пуррагӣ, қобили қабул ва эътимоднок будани онҳо;

- таҳлили маълумотҳои воқеӣ ва ахбороти ҷамъоваришуда бо мақсади муайян намудани кифоягии онҳо барои асоснокии далелҳо мувофиқи мақсадҳои санҷиши аудиторӣ;

- гузаронидани ҷамъоварии иловагии маълумотҳои воқеӣ ва ахборот дар ҳолати нокифоя будани онҳо барои ташаккули далелҳо.

Маълумотҳои воқеӣ ва ахборотро мутахассисон дар асоси дархостҳои хаттӣ ва шифоҳӣ дар шаклҳои зерин ҷамъоварӣ менамоянд:

- нусхаи ҳуҷҷатҳое, ки аз ҷониби объекти санҷидашаванда пешниҳод шудаанд;

- ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандае, ки аз ҷониби тарафи сеюм пешниҳод шудаанд;

- маълумотҳои оморӣ, феҳристҳои муқоисавӣ, натиҷаҳои таҳлилҳо, ҳисобҳо ва дигар маводҳо.

4.2.3. Далелҳо бо роҳҳои зерин дарёфт карда мешаванд:

- назорат намудан, ки аслан аз гузаронидани санҷиши ҳуҷҷатҳои аз объекти санҷидашаванда гирифташуда иборат мебошад;

- тартиби таҳлил, ки таҳлил ва баҳодиҳии ахборотҳои дастрасшударо ифода менамояд, таҳқиқи нишондиҳандаҳои муҳими молиявӣ-иқтисодии объекти санҷидашаванда бо мақсади ошкор намудани камбудию норасоиҳо дар фаъолияти молиявию хоҷагӣ ҷойдошта, инчунин сабабҳои пайдоиши онҳо;

- аз нав ҳисоб кардан, ки аз санҷиши дурустии ҳисобҳои арифметикии ҳуҷҷатҳои аввалия ва навиштаҷотҳои муҳосибӣ ва ё иҷроиши ҳисобҳои мустақилона иборат мебошад;

- тасдиқ намудан, ки ифодакунандаи тартиби дархост намудан ва гирифтани ахбороти тасдиқкунандаи хаттӣ аз манбаи мустақил (сеюм), мебошад.

4.2.4. Дар рафти ҷамъ овардани далелҳо ба он эътибор додан зарур аст, ки далелҳои ба даст овардашуда кифоя, саҳеҳ ва ба мавзӯъ мувофиқ бошанд.

Далел ба шарте кифоя ба ҳисоб меравад, ки агар ҳаҷм ва мазмуни он барои пешниҳод намудани хулосаи асосонок дар ҳисобот оид ба натиҷаи санҷиши аудиторӣ, имконият диҳад. Ҳангоми арзёбии дурустии далел чунин ҷиҳатро ба назар гирифтан лозим аст, ки далели бевосита аз манбаҳои беруна ҷамъовардаи мутахассисон ва ба шакли ҳуҷҷат даровардашуда, боэътимодтар бошад.

Далели барои тасдиқи хулоса истифодашаванда ҳамон вақт ба мавзӯъ мувофиқ мебошад, ки агар он ба хулосаи баровардашуда робитаи оқилонаи мантиқӣ дошта бошад.

4.2.5. Ҳангоми ҷамъоварии маълумотҳои воқеӣ бояд ба назар гирифт, ки на ҳамаи маълумотҳои дастрасгардида метавонанд ба сифати далел истифода карда шаванд. Ин ба он маълумотҳое дахл дорад, ки мазмунан ихтилофнок ё носаҳеҳ бошад, инчунин агар сарчашмаи маълумот ба натиҷаи истифодаи он манфиати шахсӣ дошта бошад.

4.2.6. Далелҳое, ки дар асоси санҷиш ва таҳлили маълумоти воқеӣ оид ба мавзӯъ ва фаъолияти объекти санҷидашаванда дастрас мегарданд, дар шакли далелҳои ҳуҷҷатӣ, шайъӣ ва таҳлилӣ истифода карда мешаванд.

Далелҳои ҳуҷҷатӣ, дар асоси ҳуҷҷатҳои молиявӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои дар шакли хаттӣ ва ё электронӣ пешниҳоднамудаи объекти санҷидашаванда, ташкилотҳои болоӣ ва дигар ташкилотҳое, ки ба мавзӯи санҷиши аудиторӣ ва ё фаъолияти ин ё он объект муносибати бевосита доранд, ба даст оварда мешаванд.

Далелҳои шайъиро ҳангоми санҷиши бевоситаи ягон раванд ва ё дар натиҷаи таҳқиқ намудани рӯйдодҳо ба даст меоранд. Онҳо метавонанд дар шакли ҳуҷҷат (санадҳо, протоколҳо) ва гузориши хаттӣ ба расмият даровардa шаванд ва ё дар шакли расмҳо, нақшаҳо, харитаҳо ё тасвири ҷадвалӣ пешниҳод карда шаванд.

Далелҳои таҳлилӣ, ин натиҷаи таҳлили маълумоти воқеӣ ва ахборот дар бораи мавзӯъ ва ё фаъолияти объекти санҷидашаванда мебошанд, ки онҳоро ҳам аз худи объекти санҷиш ва ҳам аз сарчашмаҳои дигар ба даст меоранд.

4.2.7. Далелҳо ва дигар маълумоти дар рафти гузаронидани санҷиши аудиторӣ дастрасгардида, аз рӯи тартиби муайян дар санадҳо ва ҳуҷҷатҳои корие, ки барои таҳияи ҳисобот оид ба натиҷаи он асос мебошанд, сабт карда мешаванд.

4.3. Ба расмият даровардани санадҳо

4.3.1. Баъд аз анҷом ёфтани амалиётҳои назоратӣ дар объекти санҷиш, санад оид ба натиҷаи санҷиши аудиторӣ тартиб дода мешавад, ки мазмуни он бояд ба талаботи муқаррароти Дастури Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат кунад.

Таркиби санад оид ба натиҷаҳои санҷиши аудиторӣ дар объект, бояд чунин бошад;

- асос барои гузаронидани санҷиши аудиторӣ;
- мавзӯи санҷиши аудиторӣ;
- давраи санҷиши фаъолияти объект;
- номгӯи масъалаҳое, ки дар ин ё он объект санҷида шудаанд;
- мӯҳлати гузаронидани санҷиши аудиторӣ дар объект;
- тавсифи мухтасари объекти санҷидашаванда;
- натиҷаи санҷиши ҳар як масъалаи барномаи гузаронидани санҷиш (нақшаи корӣ).

Агар дар рафти гузаронидани санҷиши аудиторӣ муайян карда шавад, ки объект ин ё он пешниҳоди Палатаи ҳисобро доир ба натиҷаи санҷиши аудитории қаблӣ иҷро накардааст, ин ҳолат бояд якҷоя бо сабабҳои иҷро нагардидани он, дар санад дарҷ карда шавад.

Ба санад номгӯи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки иҷроиши онҳо дар рафти санҷиши аудиторӣ санҷида шудаанд, инчунин дар ҳолатҳои зарурӣ ҷадвалу ҳисобҳо ва дигар маводҳои маълумотӣ-рақамӣ, замима карда мешаванд.

4.3.2. Дар сурати ошкор гардидани камбудию норасоиҳо ва зарари ба давлат расонидашуда онҳо дар санад дарҷ карда мешаванд ва дар чунин ҳолат масъалаҳои зеринро сабт намудан лозим аст:

- номгӯй ва моддаҳои қонунҳо ва бандҳои санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ, ки талаботи онҳо риоя карда нашудааст;
- намуд ва маблағи камбудиҳои ошкоргардида, дар ин маврид маблағҳо аз рӯи солҳои буҷетӣ, намуди маблағҳо (маблағҳои буҷетӣ ва ё фондҳои ғайрибуҷетӣ), инчунин намуди объектҳои моликияти давлатӣ ва шаклҳои истифодабарии он, алоҳида нишон дода мешавад;
- сабабҳои роҳ додан ба камбудию норасоиҳо ва оқибатҳои он;
- намуд ва андозаи маблағи зарари ба давлат расонидашуда, ки дар рафти санҷиши аудиторӣ ошкор ва барқарор карда шудаанд;
- шахсони муайяни мансабдоре, ки ба камбудию норасоиҳо роҳ додаанд;
- тадбирҳои дар рафти санҷиши аудиторӣ андешидшуда оид ба бартараф намудани камбудию норасоиҳои ошкоргардида ва натиҷаҳои онхо.

Инчунин дар санад маълумоти зерин дарҷ мегардад:

- дар қисми даромади буҷетҳои системаи буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон – тафсили андозаи маблағи камбудиҳо ва зарари ба давлат расонидашуда аз рӯи рамзҳои гурӯҳбандии даромади буҷетҳо;
- дар қисми хароҷоти буҷетҳои системаи буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон – тафсили маблағҳо аз рӯи рамзҳои гурӯҳбандии хароҷоти буҷетҳое, ки дар онҳо камбудиҳо ва зарари ба давлат расонидашуда ошкор гардидааст, инчунин рамзҳои гурӯҳбандии хароҷотҳое, ки онҳоро ба хароҷотҳои мазкур нисбат додан лозим аст;
- аз рӯи манбаҳои маблағгузории касри буҷети давлатӣ- тафсили маблағи камбудиҳо аз рӯи рамзҳои гуруҳбандии сарчашмаҳои маблағгузории касри буҷет.

4.3.3. Ҳангоми тартиб додани санад бояд талаботи зерин риоя карда шавад:

- мухтасар, возеҳ ва холисона сабт намудани натиҷаи санҷиши аудиторӣ дар объекти санҷиш;
- равшану возеҳ баён намудани мазмуни камбудию норасоиҳо;
- мантиқан ва пайдарҳамии сабти мавод;
- ифода намудани маълумотҳои воқеӣ ҳангоми мавҷудияти далелҳои мукаммал танҳо дар асоси маводҳо ва ҳуҷҷатҳои дахлдори аз ҷониби мутахассисони Палатаи ҳисоб санҷидашуда.

Дар санади натиҷаи санҷиши аудиторӣ тамоми масъалаҳое, ки дар барномаи гузаронидани санҷиши аудиторӣ зикр шудааст, пай дар пай сабт карда мешавад. Дар ҳолате, ки агар оид ба масъалаи санҷиши аудиторӣ камбудию норасоиҳо ошкор нагардида бошад, дар санад чунин дарҷ карда мешавад: «Доир ба масъалаи мазкури санҷиши аудиторӣ камбудию норасоиҳо ошкор карда нашуд».

Дар санад дохил намудани ҳар гуна фарзияҳо ва маълумотҳои бо ҳуҷҷат тасдиқнашуда, инчунин маълумотҳо аз маводҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, роҳ дода намешавад.

Дар санад набояд арзёбии ахлоқию маънавии амали шахсони мансабдор ва аз ҷиҳати моддӣ масъули объекти санҷидашаванда, инчунин тавсифи амали онҳо бо истифода аз чунин истилоҳоти ҳуқуқӣ ба монанди «хунукназарӣ», «дуздӣ», «исрофкорӣ», «тасарруф кардан», ҷой дошта бошад.

4.3.4. Санадро мутахассисоне, ки санҷиши аудиториро дар ин объект гузаронидаанд, тартиб медиҳанд ва имзо менамоянд. Дар ҳолати розӣ набудани мутахассис бо мавқеи роҳбари санҷиши аудиторӣ ё роҳбари гурӯҳи мутахассисон доир ба камбудиҳои дар санад дарҷгардида, ӯ ҳақ дорад ҳангоми имзо кардани санад фикри махсуси худро қайд намояд. Мутахассис дар давоми ду рӯз фикри махсуси худро тариқи хаттӣ ба роҳбари санҷиши аудиторӣ пешниҳод менамояд ва ӯ дар навбати худ дар ин бора ба сараудитори Палатаи ҳисоб арз мекунад.

4.3.5. Ҳангоми гузаронидани санҷиши аудиторӣ дар як объект оид ба масъалаҳое, ки ба салоҳияти ду ва ё зиёда сараудиторони Палатаи ҳисоб дохил мебошанд, санадҳои алоҳида оид ба масъалаҳои дахлдори санҷиши аудиторӣ ё санади ягона оид ба натиҷаҳои санҷиши аудиторӣ дар объекти мазкур вобаста ба муқаррароти барномаи гузаронидани санҷиши аудиторӣ, тартиб дода мешавад.

4.3.6. Санад оид ба натиҷаи санҷиши аудиторӣ дар объект, барои шиносоӣ ба роҳбар ё дигар шахси мансабдори масъули объекти мазкур ба муддати на зиёда аз як шабонарӯз ва дар ҳолатҳое, ки санад ҳаҷми зиёд ва мушкилиҳои махсус дорад, ба муддати се шабонарӯз пешниҳод карда мешавад. Санад барои шиносоӣ дар асоси забонхат пешниҳод карда мешавад.

4.3.7. Дар мавриди розӣ набудани шахсони масъули мансабдори объекти санҷидашаванда бо натиҷаи санҷиш, ба онҳо пешниҳод карда мешавад, ки санадро бо пешкаш намудани тавзеҳот дар бораи норозӣ будан ба бандҳои алоҳидаи санад, ба имзо расонанд. Тавзеҳот ба тариқи хаттӣ фавран ва ё дар давоми панҷ рӯзи корӣ аз лаҳзаи пешниҳоди санад барои шиносоӣ, ба Палатаи ҳисоб ирсол карда мешавад.

Дар ҳолати аз шахсони масъули объекти санҷидашаванда ворид гардидани тавзеҳоти хаттӣ, сараудитори Палатаи ҳисоб дар муддати панҷ рӯзи корӣ баъд аз ба Палатаи ҳисоб ворид гардидани тавзеҳот, хулосаро оид ба тавзеҳоти пешниҳодшуда омода менамояд, ки нусхаи он ба суроғаи объекти дахлдор ирсол карда мешавад. Тавзеҳоти шахсони масъули объекти санҷидашаванда ва хулосаи сараудитори Палатаи

ҳисоб оид ба тавзеҳоти пешниҳодгардида ба санад замима карда шуда, ба маводҳои санҷиши аудиторӣ ҳамроҳ карда мешавад.

Нусхаи санади баимзорасидаи санҷиши аудиторӣ ба шахси масъули объекти санҷидашаванда дода мешавад, ба ғайр аз ҳолатҳое, ки дар санад маълумотҳои сирри давлатидошта дарҷ гардида бошанд.

Дар мавриди ҳатто бо пешкаш намудани тавзеҳот розӣ набудани роҳбари объекти санҷидашаванда бо натиҷаи санҷиш ва рад кардани баимзорасонии санади санҷиш, сараудитор, ки барои гузаронидани санҷиши аудиторӣ масъул аст, бо иштироки комиссия санад тартиб дода, ба он имзо мегузорад.

Барои шиносоӣ ба шахсони масъули объекти санҷидашаванда пешниҳод намудани санади санҷишие, ки аз ҷониби мутахассисони Палатаи ҳисоб имзо нашудаанд, роҳ дода намешавад.

Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санади санҷиш аз ҷониби мутахассисони Палатаи ҳисоб дар асоси тавзеҳоти хаттии шахсони масъули объекти санҷидашаванда ва ё ҳуҷҷатҳои аз нав пешниҳодшуда, роҳ дода намешавад.

4.3.8. Баъд аз ба анҷом расидани чорабинии назоратӣ дар объект, санад оид ба натиҷаҳои санҷиши аудиторӣ аз ҷониби роҳбари санҷиши аудиторӣ ва ё роҳбари гурӯҳи мутахассисон дар муддати на дертар аз 3 рӯзи корӣ баъд аз рӯзи воридшавӣ ба Палатаи ҳисоб, барои бақайдгирӣ бо тартиби муқаррагардида ба сохтори дахлдори Палатаи ҳисоб пешниҳод карда мешавад.

4.3.9. Дар рафти санҷиши аудиторӣ тартиб додани намудҳои зерини санадҳо имкон дорад:

- санад оид ба эҷод намудани монеа ба кормандони Палатаи ҳисоб барои гузаронидани санҷиши аудиторӣ;
- санад оид ба маҳдуд сохтани миқёси гузаронидани санҷиши аудиторӣ;
- санад оид ба камбудиҳои дар объекти санҷиши аудиторӣ ошкоргардида, ки барои бартараф намудани онҳо ва пешгири намудани ҳаракатҳои ғайриқонунӣ, қабули чораҳои таъхирнопазир зарур мебошад;
- санад оид ба мӯҳрзании хазина, утоқҳои хизматӣ, анборҳо ва бойгонӣ дар объекти санҷиши аудиторӣ;
- санад оид ба гирифтани (нусхаи аслӣ ва ё нусхаи) ҳуҷҷатҳои объекти санҷиши аудиторӣ.

4.3.10. Санад дар бораи амалҳои эҷод намудани монеа ба кормандони Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар гузаронидани санҷиши аудиторӣ мутобиқи Дастури Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар мавриди розӣ нашудани шахсони мансабдори объекти санҷиши аудиторӣ ба амалҳои зерин тартиб дода мешавад:

- иҷозат додани воридшавии гурӯҳи мутахассисон ба объект;
- фароҳам овардани шароити мусоиди корӣ ба мутахассисон;
- пешниҳод ё дер пешниҳод намудани ахборот аз рӯи дархости Палатаи ҳисоб.

Дар мавриди ба вуҷуд омадани ҳолатҳои мазкур, роҳбари гурӯҳи мутахассисони Палатаи ҳисоб ба маълумоти роҳбар ва ё шахси масъули объекти санҷиши аудиторӣ мазмуни моддаи 25 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон”-ро мерасонад ва фавран оид ба масъалаи эҷод намудани монеа барои гузаронидани санҷиши аудиторӣ санад бо нишондоди вақт, таърихи рӯз, маълумот дар бораи шахси монеа эҷоднамуда ва дигар маълумотҳои зарурӣ, тартиб медиҳад.

Дар ҳолатҳои зарурӣ, талаботи роҳбари гурӯҳи мутахассисони Палатаи ҳисоб дар шакли хаттӣ ба роҳбар ва ё шахси масъули объекти санҷиши аудиторӣ пешниҳод карда мешавад. Санад дар давоми як шабонарӯз аз лаҳзаи тартиб додани он, бояд ба Палатаи ҳисоб ба номи сараудитори дахлдори Палатаи ҳисоб ирсол карда шавад. Ҳамзамон роҳбари гурӯҳи мутахассисон вазифадор аст, ки оид ба масъалаи бамиёномада дарҳол сараудитори дахлдори Палатаи ҳисобро огоҳ созад.

Сараудитори Палатаи ҳисоб бояд мутобиқ ба қонунгузории амалкунанда нисбати шахсоне, ки ба амалҳои зиддиҳуқуқӣ роҳ медиҳанд ва ё роҳ додаанд, чораҳои зарурӣ андешад. Сараудитори Палатаи ҳисоб дар бораи чораҳои андешидашуда оид ба масъалаҳои зикргардида фавран роҳбарияти Палатаи ҳисобро хабардор менамояд.

Намунаи тартиб додани санад оид ба монеа шудан ба мутахассисони Палатаи ҳисоб барои гузаронидани санҷиши аудиторӣ, дар замимаи Дастурамал оварда шудааст.

4.3.11. Санад оид ба камбудиҳое, ки бартараф намудани онҳо андешидани чораҳои таъхирнопазирро талаб мекунад, фавран дар рафти санҷиши аудиторӣ ҳангоми ошкор гардидани амалҳои ғайриқонуние, ки ба давлат зарари бевосита мерасонанд ва нишонаҳои таркиби ҷиноятро доранд, тартиб дода мешаванд.

Намунаи тартиб додани санад оид ба камбудиҳои ошкоргардида, ки бартараф намудани онҳо ва пешгири намудани ҳаракатҳои ғайриқонунӣ андешидани чораҳои таъхирнопазирро талаб мекунанд, дар замимаи Дастурамал оварда шудааст.

Санади мазкур дар ду нусха тартиб дода шуда, як нусхаи он бо гирифтани забонхат ва талаб намудани баёноти хаттӣ доир ба камбудию норасогиҳои ошкоргардида ва андешидани чораҳои зарурӣ барои пешгирии амалҳои ғайриқонунӣ, ба роҳбари объекти санҷидашаванда дода мешавад.

Дар ҳолате, ки шахсони мансабдори объекти санҷидашаванда додани баёноти хаттиро оид ба камбудиҳои ошкоргардида ва ё гирифтани нусхаи санади мазкурро рад мекунанд, оиди ин ҳолат дар санад қайди дахлдор карда мешавад.

Дар ҳолате, ки роҳбари объекти санҷидашаванда андешидани чораҳои заруриро барои пешгирӣ намудани амалҳои ғайриқонунӣ рад менамояд, роҳбари гурӯҳи мутахассисон фавран оиди чунин ҳолат ба роҳбари санҷиши аудиторӣ арз мекунад, инчунин санади мазкурро ба сараудитори дахлдори Палатаи ҳисоб пешниҳод менамояд.

Сараудитори Палатаи ҳисоб бояд барои бартараф намудани камбудиҳои ошкоргардида ва пешгирӣ намудани амалҳои ғайриқонунӣ, мутобиқи қонунгузории амалкунанда чораҳои зарурӣ андешад.

4.3.12. Санад оид ба мӯҳрзании хазина, ҳуҷраҳои хизматӣ, анборҳо ва бойгонӣ дар объекти санҷиши аудиторӣ ва санад оид ба гирифтани (нусхаи аслӣ ва ё нусхаи) ҳуҷҷатҳои объекти санҷиши аудиторӣ дар ҳолатҳое тартиб дода мешаванд, ки дар ҳуҷҷатҳо аломату нишонаҳои сохтакорӣ, қаллобӣ, исрофкорӣ, дуздӣ ва дигар ҳолатҳои суиистеъмол ҳангоми истифодаи воситаҳои давлатӣ, зоҳир гардад.

Санадҳои мазкур дар ду нусха тартиб дода шуда, як нусхаи онҳо ба роҳбар ё дигар шахси мансабдори объекти санҷиши аудиторӣ бо гирифтани забонхат супорида мешавад.

Зарурияти гирифтани (нусхаи аслӣ ва ё нусхаи) ҳуҷҷатҳои объекти санҷиши аудиториро роҳбари санҷиши аудиторӣ ва ё роҳбари гурӯҳи мутахассисон муайян мекунад. Гирифтани ҳуҷҷатҳо аз рӯи имконият дар ҳузури шахсони масъуле, ки ҳуҷҷатҳо аз онҳо гирифта мешаванд, ба амал оварда шуда, дар маводҳои объекти санҷиши аудиторӣ нусхаи санади гирифтани ҳуҷҷатҳо, нусхаи ҳуҷҷатҳо ва ё рӯйхати ҳуҷҷатҳои гирифташуда, гузошта мешавад. Ҳуҷҷатҳое, ки ба мавзӯи санҷиши аудиторӣ дахл надоранд, гирифта намешаванд.

Дар ҳолати мавҷуд набудани имконияти нусхабардорӣ ва ё мондани нусхаи ҳуҷҷатҳо дар баробари гирифтани ҳуҷҷатҳо, мутахассис онҳоро ба шахси масъул дар давоми 3 рӯзи кории баъди гирифтани ҳуҷҷатҳо месупорад.

Ҳуҷҷатҳои дорои маълумоти сирри давлатӣ ё сирри дигари бо қонун ҳифзшаванда бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ гирифта мешаванд.

## 5. Ба расмиятдарории натиҷаҳои санҷиши аудиторӣ

Санҷиши аудиторӣ бо омода намудани натиҷаҳо, хулосаҳо ва пешниҳодҳо (тавсияҳо), ки дар ҳисобот ва дигар ҳуҷҷатҳои аз рӯи натиҷаҳои санҷиши аудиторӣ таҳияшаванда ба расмият дароварда мешаванд, ба анҷом мерасад.

5.1. Натиҷаҳо, хулосаҳо ва пешниҳодҳо (тавсияҳо)

5.1.1. Натиҷаҳои санҷиши аудиторӣ оид ба ҳар як мақсади муайяншуда дар асоси таҳлил ва ҷамъбасти далелҳое, ки дар маводҳои санади санҷиш оид ба натиҷаи санҷиши аудиторӣи объектҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои корӣ дарҷ гардидаанд, таҳия карда мешавад.

Натиҷаи санҷиши аудиторӣ бояд шакли ҷамъбастшудаи воқеияти камбудию норасоиҳоро дар доираи мавзӯъ ва дар фаъолияти объекти санҷиши аудиторӣ, инчунин тавсифи масъалаҳои ҳалталабро дар ташаккул ва истифодабарии воситаҳои давлатӣ, ки дар рафти гузаронидани санҷиши аудиторӣ ошкор гардидааст, дар бар гирад.

5.1.2. Дар асоси натиҷаҳои санҷиши аудиторӣ, доир ба ҳар як мақсади санҷиши аудиторӣ хулосаҳо омода карда мешаванд, ки онҳо бояд:

- тавсиф ва аҳамияти камбудию норасоиҳои ошкоргардидаро дар ташаккул ва истифодаи воситаҳои давлатӣ дар доираи фаъолияти объектҳои санҷидашаванда, дар бар гирад;
- сабабҳои камбудию норасоиҳои ошкоргардидаро ва оқибатҳое, ки онҳо ба вуҷуд меоранд, муайян намояд;
- шахсони мансабдори масъулро, ки камбудию норасоиҳои ошкоргардида ба салоҳияти онҳо дохил мешавад, нишон диҳад.

Дар хулосаҳо зарари ба буҷети давлатӣ, фондҳои ғайрибуҷетӣ ва ба моликияти давлатӣ расонидашуда, арзёбӣ карда мешавад.

5.1.3. Дар асоси хулосаҳо, пешниҳодот оид ба бартараф намудани камбудию норасоиҳои ошкоргардида омода карда шуда, ба объекти санҷиши аудиторӣ, мақомоти давлатӣ, ташкилот ва шахсони мансабдор, ки иҷрои он ба салоҳияту ваколати онҳо дохил мешавад, ирсол карда мешавад.

Пешниҳодот бояд:

- барои баратараф намудани сабабҳои камбудию норасоиҳои ошкоргардида ва дар ҳолати мавҷуд будан, барои барқарор намудани зарари ба буҷети давлатӣ, фондҳои ғайрибуҷетӣ ва моликияти давлатӣ расонидашуда, нигаронида шуда бошад;
- барои аз ҷониби объекти санҷиши аудиторӣ андешидани чораҳои мушаххас ҷиҳати бартараф намудани камбудию норасоиҳои ошкоршуда, ки иҷрои онҳоро санҷидан, баҳо додан ва чен кардан мумкин аст, роҳнамо бошад;
- аз рӯи шакл ва мазмун, мушаххас, мухтасар ва оддӣ бошад.

5.2. Истифодабарии натиҷаи кори экспертҳои беруна.

5.2.1. Ҳангоми ҷамъбаст намудани натиҷаҳо, хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар рафти санҷиши аудиторӣ таҳияшуда, натиҷаи кори экспертҳои берунаи ба санҷиши аудиторӣ ҷалбгардида истифода карда мешавад. Натиҷаи кори онҳо дар шакли дар шартномаи дахлдор ё қарордоди давлатӣ оид ба хизматрасонӣ, ки барои эҳтиёҷоти давлатӣ муқаррар гардидааст, пешниҳод карда мешавад.

5.2.2. Натиҷаи кори экспертҳои беруна бояд аз нуқтаи назари дурустии ахборот, ки хулосаи ӯ ба он асос меёбад, инчунин нисбати асоснокии мазмуни ҷамъбаст, пешниҳод ва ё тавсияҳои дар хулоса овардашуда, мавриди баррасӣ қарор гирад. Натиҷаҳои мазкур ба санад ворид ё замима карда мешавад, инчунин бо қарори сараудитори Палатаи ҳисоб дар ҳисобот оид ба ҷамъбасти натиҷаҳои санҷиши аудиторӣ инъикос карда мешавад.

Натиҷаи фаъолияти экспертони беруна мувофиқи тартиби дар Палатаи ҳисоб муқараргардида, дар санади қабули кор (хизматрасонӣ) қайд карда мешавад.

5.3. Ҳисобот оид ба натиҷаҳои санҷиши аудиторӣ

5.3.1. Ҳисобот оид ба натиҷаҳои санҷиши аудиторӣ (минбаъд-ҳисобот) ҳуҷҷати Палатаи ҳисоб мебошад, ки натиҷаҳои асосии санҷиши аудиторӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳои (тавсияҳои) мувофиқ ба мақсадҳои гузоштаашударо, дар бар мегирад.

Барасмиятдарории ҳисобот, мутобиқи талаботи Дастури Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал оварда мешавад.

5.3.2. Ҳисобот бояд дар бар гирад:

– асос барои гузаронидани санҷиши аудиторӣ;

- мавзӯи санҷиши аудиторӣ;

- номгӯи объектҳои санҷиши аудиторӣ;

- мӯҳлати гузаронидани санҷиши аудиторӣ;

- мақсади санҷиши аудиторӣ;

- меъёри арзёбии самаранокӣ аз рӯи ҳар як мақсади гузошташуда (дар ҳолати гузаронидани аудити самаранокӣ);

- давраи санҷиш;

- тавсифи мухтасари соҳа ва доираи фаъолияти объектҳои санҷиши аудиторӣ;

- натиҷаҳои санҷиши аудиторӣ аз рӯи ҳар як мақсадҳо;

- мавҷудияти изҳори норизоӣ ва ё мулоҳизаи роҳбарони объектҳо аз рӯи натиҷаҳои санҷиши аудиторӣ;

- хулосаҳо;

- пешниҳодҳо (тавсияҳо);

- замимаҳо.

5.3.3. Агар дар рафти санҷиши аудиторӣ дар объектҳо, санадҳо оид ба эҷод намудани монеа ба кори мутахассисиони Палатаи ҳисоб ва санадҳо оид ба ошкор гардидани камбудию норасогиҳо дар фаъолияти объектҳо, ки бевосита зарарашон ба давлат мерасад таҳия гардида бошанд ва ҳамзамон ба роҳбарияти объектҳои санҷиши аудиторӣ пешниҳодоти дахлдор фиристода шуда бошад, дар чунин ҳолат ахбороти мазкур бояд дар ҳисобот бо нишон додани чораҳои андешидашуда оид ба бартараф намудани монеагиҳо ва камбудиҳо дарҷ карда шавад.

Агар дар объекти мазкур қаблан санҷиши аудитории Палатаи ҳисоб гузаронида шуда, аз рӯи натиҷаи он камбудию норасоиҳо ошкор гардида бошад, дар хулосаҳо дарҷ намудани маълумотҳо оид ба чораҳои андешидашуда бораи бартараф намудани онҳо, инчунин нишон додани пешниҳодҳои иҷронашуда, зарур мебошад.

Агар аз рӯи натиҷаҳои санҷиши аудиторӣ ирсол намудани пешниҳодот ва ё мактуби ахборотӣ ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва роҳбарони объектҳои санҷиши аудиторӣ, инчунин ирсол намудани маводҳои санҷишӣ ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ зарур бошад, дар ҳисобот пешниҳоди дахлдор бо нишон додани гирандаи мактуб ифода карда мешавад.

5.3.4. Замимаҳо ба ҳисобот маводҳои зерин шуда метавонанд:

- номгӯи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки иҷрои онҳо дар рафти санҷиши аудиторӣ санҷида шудааст;

- номгӯи ҳуҷҷатҳои талабнамудаи Палатаи ҳисоб, ки дар рафти гузаронидани санҷиши аудиторӣ гирифта нашудааст;

- номгӯи санадҳо, ки аз рӯи натиҷаи санҷиши аудиторӣ дар объектҳо тартиб дода шудаанд;

- номгӯи санадҳо, ки оид ба эҷод намудани монеа барои гузаронидани санҷиши аудиторӣ тартиб дода шудаанд;

- номгӯи санадҳо оид ба ошкор гардидани камбудию норасоиҳо дар фаъолияти объекти санҷиши аудиторӣ, ки пешгирӣ ва бартараф намудани онҳо андешидани чораҳои таъхирнопазирро талаб мекунад.

Ҳамзамон дар якҷоягӣ бо ҳисобот оид ба натиҷаи санҷиши аудиторӣ, ҳуҷҷатҳои зерин омода карда мешаванд:

- лоиҳаҳои мактубҳои ҳамроҳ фиристодашаванда;

- маълумотнома оид ба натиҷаҳои асосии санҷиши аудиторӣ.

Намунаи барасмиятдарории мактуби бо ҳисобот дар бораи натиҷаи чорабинии назоратӣ ҳамроҳ фиристодашаванда, дар замимаи Дастурамал оварда шудааст.

Ҳаҷми маълумотнома оид ба натиҷаҳои асосии санҷиши аудиторӣ, бояд аз 5 саҳифа зиёд набошад.

5.3.5. Ҳангоми навиштани матни ҳисобот, талаботҳои зеринро бояд ба роҳбарӣ гирифт:

- натиҷаҳои санҷиши аудиторӣ бояд мутобиқи мақсадҳои дар барномаи санҷиши аудиторӣ гузошташуда пайдарҳам баён карда шаванд ва ба ҳар кадоми онҳо ҷавоби мушаххас бо дарҷ кардани масъалаҳои нисбатан муҳим, дода шавад;

- муфассал дарҷ намудани ҳамаи камбудию норосоиҳои ошкоргардида зарур набуда, танҳо тавсифи умумии онҳоро бо овардани далелҳои нисбатан муҳим қайд намудан лозим аст. (тамоми камбудию норосоиҳо дар пешниҳодҳо муфассал баён карда мешаванд);

- хулосаҳо бояд асоснок бошанд ва пешниҳодҳо (тавсияҳо) мантиқан аз онҳо ифода ёбанд;

- ҳисобот бояд танҳо ҳамон маълумот, хулоса ва натиҷаеро дар бар гирад, ки онҳо бо далелҳои дахлдор тасдиқ шудаанд ва дар санадҳо оид ба натиҷаҳои санҷиши аудиторӣ ва дар ҳуҷҷатҳои кории дар рафти гузаронидани он тартиб додашуда, дарҷ гардида бошанд;

- далелҳои дар ҳисобот пешниҳодгардида бояд холисона ифода карда шуда, камбудию норасоиҳо бе муболиға ва аз будаш зиёд нишон дода нашаванд;

- аз такрори нолозим ва тафсилоти барзиёд, ки диққатро аз нуқтаҳои муҳими ҳисобот дур месозанд, худдорӣ кардан зарур аст;

- матни ҳисобот бояд мухтасар, осонхон ва фаҳмо бошад ва дар ҳолати истифода намудани ягон хел мафҳумҳои махсус ё ибораҳои мухтасар, онҳо бояд шарҳ дода шаванд;

- дар матн бояд масъалаҳо ва пешниҳодҳои нисбатан муҳим ифода карда шуда, номгӯй ва сарлавҳаҳо, инчунин дар ҳолатҳои зарурӣ воситаҳои аёнӣ (сурат, расм, ҷадвал, графика ва ғайра) истифода карда шаванд;

- ҳаҷми матни ҳисобот бо дарназардошти миқёс ва хусусияти санҷиши аудитории гузаронидашуда, чун қоида бояд на зиёда аз 30 саҳифа бошад.

5.3.6. Ҳангоми зарурият, дар асоси таҳлил ва ҷамъбасти маводҳои санадҳое, ки аз рӯи натиҷаҳои гузаронидани як қисми санҷиши аудиторӣ тартиб дода шудаанд, омода намудани ҳисобот оид ба натиҷаҳои фосилавии санҷиши аудиторӣ мумкин аст.

Омода намудан ва барасмиятдарории ҳисобот оид ба натиҷаҳои фосилавии санҷиши аудиторӣ дар асоси талаботҳои Дастурамали мазкур, ки нисбати омода намудани ҳисоботи ниҳоӣ оид ба натиҷаҳои санҷиши аудиторӣ муайян гардидааст, амалӣ карда мешавад.

5.4. Ҳуҷҷатҳое, ки аз рӯи натиҷаи санҷиши аудиторӣ тартиб дода мешаванд

Вобаста ба мазмуни натиҷаи санҷиши аудиторӣ дар баробари ҳисобот аз рӯи зарурият ҳуҷҷатҳои зерин таҳия карда мешаванд:

- пешниҳодоти Палатаи ҳисоб;
- мактуби ахборотитии Палатаи ҳисоб;
- мактуби Палатаи ҳисоб оид ба ирсол намудани маводҳои санҷишӣ ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ.

5.4.1. Пешниҳодоти Палатаи ҳисоб

Пешниҳодоти Палатаи ҳисоб - ин ҳуҷҷате мебошад, ки пешниҳодҳои баррасиашон ҳатмии Палатаи ҳисобро ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва роҳбарони объектҳои санҷиши аудиторӣ оид ба андешидани чораҳо ҷиҳати бартараф намудани камбудию норосоиҳои ошкоргардида, ҷуброни товони зарари ба давлат расонидашуда ва ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони мансабдоре, ки ба камбудиҳо роҳ додаанд, дар бар мегирад.

Лоиҳаи пешниҳодоти Палатаи ҳисоб Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи тартиби муқаррарнамудаи Дастури Палатаи ҳисоб ба номи роҳбарони ташкилоту муассисаҳои мавриди санҷиш қарордодашуда, инчунин мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ки ҳалли масъалаҳои дар пешниҳодот дарҷшуда ба салоҳияти онҳо дохил мебошад, омода карда мешавад.

Пешниҳодоти Палатаи ҳисоб бояд маълумотҳои зеринро дар бар гирад:

- маълумоти ибтидоӣ дар бораи санҷиши аудиторӣ (асос барои гузаронидани он, номгӯи санҷиши аудиторӣ, инчунин объектҳо ва давраи санҷиши аудиторӣ);
- камбудию норасоиҳои ошкоргардида бо нишон додани моддаҳои мушаххаси қонунҳо ва ё бандҳои дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии талаботашон риоянашуда, ки бартараф намудани онҳо ба салоҳияти гирандаи пешниҳодот дахл дорад;
- пешниҳодҳо оид ба бартараф намудани камбудию норасоиҳои ошкоргардида, рӯёнидани маблағҳои буҷети давлатӣ ва фондҳои ғайрибуҷетӣ, ки мувофиқи мақсад истифода бурда нашудааст, ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони масъул барои риоя накардани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, тавсияҳо оид ба бартараф

намудани камбудиҳои ошкоргардида, мӯҳлати андешидани чораҳо оид ба бартараф намудани камбудиҳо, инчунин пешниҳоди ахборот оид ба натиҷаи баррасии пешниҳодот.

Дар ҳолати ошкор гардидани камбудию норасоиҳое, ки ба давлат зарар расонида шудааст, дар пешниҳодоти Палатаи ҳисоб зарари ба буҷети давлатӣ, фондҳои ғайрибуҷетӣ, моликияти давлатӣ ва коммуналӣ расонидашуда арзёбӣ карда мешавад ва пешниҳод карда мешавад, ки ҷиҳати барқарор намудани зарари ба давлат расонидашуда, чораҳои амалӣ андешида шавад.

Ҳаҷми қисми матни пешниҳодоти Палатаи ҳисоб аз микдор ва мазмуни камбудию норасоиҳои ошкоргардида вобаста буда, чун қоида бояд на зиёда аз 10 саҳифа бошад.

Намунаи барасмиятдарории пешниҳодоти Палатаи ҳисоб аз рӯи натиҷаи санҷиши аудиторӣ дар замимаи Дастурамал оварда шудааст.

5.4.2. Мактуби ахборотии Палатаи ҳисоб

Дар ҳолати зарурияти ба маълумоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин роҳбарони дахлдори мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ташкилотҳо расонидани натиҷаҳои асосии санҷиши аудиторӣ, мактуби ахборотии Палатаи ҳисоб омода карда мешавад.

Омода намудани мактуби ахборотии Палатаи ҳисоб, тибқи муқаррароти Дастури Палатаи ҳисоб ба амал оварда мешавад.

Ҳангоми зарурият, дар мактуби ахборотӣ хоҳиши ба Палатаи ҳисоб пешниҳод намудани маълумот оид ба натиҷаи баррасии он нишон дода мешавад. Ҳаҷми қисми матни мактуби ахборотии Палатаи ҳисоб, бояд на зиёда аз 5 саҳифа бошад.

5.4.3. Мактуби Палатаи ҳисоб оид ба ирсол намудани маводҳои санҷишӣ ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ

Мактуби Палатаи ҳисоб оид ба ирсол намудани маводҳои санҷишӣ ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар мавриде омода карда мешавад, ки агар ҳолатҳои ошкоршудаи риоя нагардидани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар объекти санҷиши аудиторӣ, нишони амали шахсони мансабдор, ки ҷавобгарии ҷиноятиро пешбинӣ менамояд ва ё дигар чораҷӯиҳои таъсиррасониро талаб мекунад, дошта бошанд.

Мактуби Палатаи ҳисоб оид ба ирсол намудани маводҳои санҷишӣ ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бояд маълумотҳои зеринро дар бар гирад:

- хулосаи ҷамъбастӣ аз рӯи натиҷаҳои санҷиши аудиторӣ оид ба амалҳои ғайриқонунии (ё беамалии) шахсони мансабдор ва дигар шахсони масъули мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ташкилотҳо (ҳангоми мавҷудияти далелҳо оиди ҳолатҳои аниқи риоя накардани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон);
- ҳолатҳои аниқи ошкоршудаи риоя нагардидани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла вобаста ба истифодаи ғайриқонунии (ғайримақсадноки) воситаҳои буҷети давлатӣ, фондҳои ғайрибуҷетӣ ва моликияти давлатӣ бо ишора намудан ба санадҳои дахлдори меъёрии

ҳуқуқии муқаррароташон риоянашуда ва нишон додани санадҳо оид ба натиҷаҳои санҷиши аудитори̣ дар объектҳое, ки камбудиҳои мазкур қайд гардидаанд;

- маълумот дар бораи андозаи зарари ба давлат расонидашуда;

- ахборот дар бораи мавҷуд будани шарҳу эзоҳ ва эродҳои шахсони мансабдори масъули объектҳои санҷиши аудитори̣ доир ба моҳияти ҳар як ҳолати камбудиҳои ошкоргардида, ки дар санадҳо оид ба натиҷаи санҷиши аудитори̣ дарҷ гардидаанд ва хулосаи Палатаи ҳисоб оид ба онҳо;

- номгӯи пешниҳодоти ба сӯроғаи мақомоти ҳокимияти давлати̣ ва объектҳои санҷиши аудитори̣ ирсолгардида ва ё дигар чораҳои андешидашуда.

Ба мактуби Палатаи ҳисоб оид ба ирсол намудани маводҳои санҷиши̣ ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, нусхаи ҳисобот оид ба натиҷаҳои санҷиши аудитори̣ ва санадҳо аз рӯи натиҷаи санҷиши аудитори̣ дар объектҳо бо ҳатман гузоштани нусхаи ҳуҷҷатҳои аввалия, ки ҳолатҳои ҳуқуқвайронкуниҳои ошкоргардидаро тасдиқ мекунанд, тавзеҳномаҳо ва эродҳои хаттии шахсони мансабдори объекти санҷиши аудитори̣ аз рӯи санадҳои санҷиш ва хулосаи Палатаи ҳисоб нисбати онҳо, инчунин дигар маводҳои заруури̣ замима карда мешаванд.

Намунаи мактуби Палатаи ҳисоб оид ба ирсол намудани маводҳои санҷиши̣ ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар замимаи Дастурамали мазкур оварда мешавад.